Конституция - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон	№122 (2949)	ДУШАНБЕ, 24 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2012	Соли бисту дуюми нашр	Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Мо Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил медиҳем

Суханронӣ ҳангоми мулоқот бо сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

19 сентябри соли 2012

Ҳамватанони гиромӣ!
Ҳозирини арҷманд!

Дар доираи сафари навбатии кории худ мо тасмим гирифтем, ки имрӯз бо ширкати роҳбарону фаъолон, инчунин аҳли ҷамоатчигии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон масъалаҳои вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, карору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву барномаҳои давлатии доир ба рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят қабулшуда, инчунин ҳолати риояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳар як гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти давлатӣ эътибори аввалиндараҷа медиҳад.

То имрӯз ба хотири ободии шаҳру навоҳии вилоят ва беҳбудии рӯзгори сокинони он ҳамаи чораҳои мушаххас андешида шудаанд ва иқдомҳои неку созанда дар ин самт минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.

Тадричан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз мақсадҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати кишвар ба ҳисоб рафта, маблағгузориҳои давлатӣ дар ин ҷода торафт зиёд гардида истодааанд. Агар дар давоми солҳои 1992 – 2000-ум аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои тараққиёти вилоят ҳамагӣ 40 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин рақам ба шарофати сулҳу субот ва оромии саросарии кишварамон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ аз соли 2001-ум то имрӯз 4 миллиарду 646 миллион сомониро ташкил кардааст, ки он асосан ба соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сохтмони иншоот, роҳҳо ва дастгирии буҷети вилоят равона карда шудааст.

Дар ин давра дар вилоят аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузор, бо дарназардошти лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки аз ҷониби Ҳукумат татбиқ гардидаанд, зиёда аз 950 иншооти хурду бузург ба маблағи беш аз як миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон бо ин, аз соли 1992 то ба имрӯз аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории буҷети давлатӣ танҳо барои тараққиёти шаҳри Хоруғ 253 миллион сомонӣ ҷудо карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сохтмони иншооту роҳҳо ва дастгирии буҷети шаҳр равона гардидааст.

Танҳо дар давоми даҳ соли охир тавассути вазорату идораҳо ва Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ 120 иншооти гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ ба маблағи беш аз 175 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки 151 миллион сомонии он аз ҳисоби буҷети давлатӣ мебошад.

Аз ҷумла танҳо тавассути Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат аз соли 2007 сар карда, сохтмону азнавсозии 11 иншооти гуногуни иҷтимоиву иқтисодӣ дар шаҳри Хоруғ, аз ҷумла бинои гимназияи президентӣ барои 640 ҷой ва хобгоҳи он, хобгоҳ барои донишҷӯёну устодони Донишгоҳи шаҳри Хоруғ, азнавсозии беморхонаи марказӣ, толори варзишӣ, Кохи ҷавонон, азнавсозии Театри ба номи Меҳрубон Назаров, варзишгоҳи марказии шаҳр, биноҳои прокуратураи вилоятӣ, Раёсати корҳои дохилӣ, Кумитаи вилоятии андоз, филиали бонкҳо, азнавсозӣ ва таъмири роҳҳо, инчунин сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба нақша гирифта шуда буд, ки то ба имрӯз аксари иншооти мазкур мавриди бахрабардорӣ қарор дода шудаанд.

Агар дар зарфи 21 соли истиқлолият даромадҳои дохилии буҷети маҳаллии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамагӣ 127 миллион сомониро ташкил карда бошанд, пас дар ин давра ба вилоят аз ҳисоби субвенсия 472 миллион сомонӣ равона карда шудааст.

Яъне, маблағҳои субвенсия аз буҷети ҷумҳуриявӣ нисбат ба даромадҳои буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилоят беш аз 3,7 баробар зиёд мебошанд.Умуман, дар ин давра аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои пӯшонидани хароҷоти буҷети вилоят ва пардохти нафақа ба маблағи 772 миллион сомонӣ субвенсия ҷудо гардидааст.

Ҳамасола дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорони хурду миёна ба манбаъҳои молиявӣ афзун гардида, аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ дар панҷ соли охир ба маблағи умумии қариб 465 миллион сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааанд. Имрӯз қарздиҳии хурд омили асосии рушди соҳибкории инфиродӣ гардида, ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда истодааст.

Дар вилояти Суғд соли ҷорӣ бунёди 100 корхонаи нави истеҳсолӣ ва ташкили беш аз 6000 ҷойҳои нави корӣ ба нақша гирифта шудааст ва то имрӯз қисми зиёди онҳо ба фаъолият оғоз кардааанд.

Ҳарчанд дар давоми солҳои истиқлолият шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо дар вилоят аз 8 то ба 37 адад зиёд шуда бошад ҳам, вале мо хуб медонем, ки шароити пешниҳоди қарзҳо ва миқдори захираҳои қарзӣ ҳоло кифоя намебошад.

Бинобар ин, ман доим таъкид менамоям, ки қарздиҳии хурд ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони мамлакат тадричан афзоиш дода шавад.

Аз ин рӯ, ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳӣ тавсия дода мешавад, ки чиҳати ҳар чӣ бештар дастгирӣ кардани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагии мушаххасро амалӣ намоянд.

Дар баробари ин, дар самти таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят то имрӯз 14 лоиҳаи муштараки инвеститсионии Ҳукумати мамлакат ба маблағи беш аз 550 миллион сомонӣ ба анҷом расида, ҳоло боз нӯҳ лоиҳа бо арзиши 670 миллион сомонӣ мавриди татбиқ қарор доранд, ки онҳо барои сохтмон ва таҷдиди роҳҳои мошингард, бунёди неругоҳҳо ва рушди соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, азхудкунии замин, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии он, ислоҳот ва рушди соҳаҳои маорифу тандурустӣ равона карда шудааст.

Инчунин дар доираи лоиҳаи «Барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунии шаҳрҳо» барои барқарор кардани шабакаи обтаъминкунии шаҳри Хоруғ беш аз 18 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шуда, корҳо дар ин самт оғоз гардида истодааанд.

Дар маҷмӯъ, дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳаҷми маблағҳои азхудкардашуда ба сари ҳар як нафар аҳолии вилоят беш аз 1800 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи баландтарин дар миқёси мамлакат мебошад.

Дар баробари ба даст омадани ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи кишвар лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар ҳамаи самтҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат амалӣ шуда истодааанд. Махсусан садҳо километр роҳҳои душворгузари кӯҳӣ, ки садсолаҳо ҷони мардуми кишварро ба хатар мегузоштанд, тахту ҳамвор ва бунёд карда шудаанд. Таҷдиду сохтмони роҳҳои мошингарди Мурғоб-Кулма, Шкев –Зиғар, Шоҳон – Зиғар ва амалишавии робитаи доимии нақлиётии вилоят бо маркази мамлакат аз ҷумлаи корҳои созандаи Ҳукумати мамлакат дар ин самт мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, бо истифода аз кӯмаки беруна Ҳукумат тавассути ташкилоту созмонҳои байналмилалии молиявӣ дар ҳафт соли охир дар вилоят зиёда аз 244 миллион сомонӣ маблағро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҷалб кардааст.

Инчунин дар давраи солҳои 2000-2011 ва нимсолаи аввали соли 2012 ба вилоят ба маблағи умумии қариб 200 миллион сомонӣ сармоягузории мустақими хориҷӣ ворид гардидааст.

Бо дарназардошти истифодаи васеи имконияту захираҳои вилоят Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки чиҳати ҳар чӣ бештар ҷалб намудани сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиву иҷтимоӣ ва амалисозии Барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят барои солҳои 2011-2015 чораҳои муассирро амалӣ намоянд.

Ҳамдиёрони азиз!

Дар тӯли солҳои истиқлолият дар ҳудуди вилоят якчанд корхонаҳои саноатӣ бунёд ёфт. Ҳоло 13 корхона ва 27 сеҳҳои хурди саноатӣ фаъолият доранд. Агар соли 1991 корхонаҳои саноатии вилоят ба миқдори 21 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда бошанд, пас дар соли 2011 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 2,6 баробар афзоиш ёфта, ба 55 миллион сомонӣ расидааст.Вале дар самти рушди истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар вилоят имконияту захираҳо ҳанӯз хеле зиёданд.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳои мамлакат вазифадоранд, ки дар самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Масалан, тибқи маълумот дар соли ҳониши 2011-2012 шумораи хонандагони мактабҳои умумии вилоят 41 ҳазор нафарро ташкил кардааст. Ҳоло худатон тасаввур кунед, ки агар дӯхтани либоси мактабӣ барои 41 ҳазор нафар хонанда дар ҳуди вилоят ба роҳ монда шавад, чӣ қадар ҷойи корӣ ва даромади аҳолӣ афзоиш ёфта, ба буҷети маҳаллӣ чӣ қадар даромад мешавад.

Ҳамзамон бо ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, корҳои хориҷӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор доир ба ҳалли масъалаҳои Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» чорачӯйӣ намоянд. Зеро мавқеи ҷойгиршавии минтақа ва роҳи мошингарди Хоруғ – Кулма имкон медиҳад, ки тавассути сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ воридоти технологияҳо аз хориҷи мамлакат, истеҳсоли маҳсулоти ҳудӣ ва таъмини бозори дохилӣ, инчунин ташкили ҷойҳои нави корӣ ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015» барои таъмиру таҷдиди корхонаҳои амалкунандаи соҳаи саноати маъдан ва металлҳои қиматбаҳо, корҳои ҷустуҷӯйиву геологӣ, инчунин барои рушди соҳаи заргариву коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ ба маблағи зиёда аз 21 миллион сомонӣ сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ пешбинӣ гардидааст.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати ҷалби ҳар чӣ бештари маблағҳои сармоягузорӣ ва ташкили иқтидорҳои нави истеҳсоливу коркард чораҳои мушаххасро амалӣ намоянд.

Ҳоло дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон шаш ширкати хориҷӣ ва се ширкати ватанӣ дар нӯҳ кон корҳои омӯзишиву геологиро ба роҳ мондааанд, ки ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ танҳо дар шаш кон қариб 32 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар зарфи панҷ моҳи соли ҷорӣ дар ҳудуди вилоят ба маблағи қариб чор миллион сомонӣ корҳои иктишофию геологӣ иҷро гардида, минбаъд низ дар ин самт афзоиши маблаггузориҳои буҷетиву сармоягузории хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳудуди вилоят барои рушди саноати маъдан имкониятҳои фаровон мавҷуданд. Ҳоло барои чустуҷӯ ва истихроҷи ҳафт кон дар ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа ва Мурғоб барои фаъолияти ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ 57 иҷозатнома дода шуда, то имрӯз бештар аз 42 конҳои гуногун, аз ҷумла конҳои тиллову нуқра, лаҷлу лазурит, инчунин 50 намуди сангҳои қиматбаҳо муайян карда шудааст.

Бинобар ин, бо дарназардошти зарурати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо сохтору мақомоти дахлдор ҷиҳати вусъатбахшии корҳои чустуҷӯйиву геологӣ дар вилоят ва бо истифода аз сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди сарватҳои табиӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Ҳамзамон барои рушди соҳаи саноати вилоят тибқи «Нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013» бунёди 30 корхона бо фарогирии 700 нафар шаҳрвандон дар назар аст.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки чиҳати иҷрои нақшаи мазкур чораҳои мушаххас андешанд.

(Идома дар саҳ. 2)

Ф а р м о н и
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудааанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои таваллуди 1985-1994 ба хизмати ҳарбӣ

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» **фармон медиҳам:**

1. Хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудааанд, моҳҳои октябр-ноябри соли 2012 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат дода шаванд.

2. Моҳҳои октябр-ноябри соли 2012 шаҳрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синну соли калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

4. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмат дар қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус мукаммалгардонии онҳоро бо иштироки мақомоти амният ва корҳои дохилӣ дар навбати аввал бо даъватшавандагони ба таври дақиқ интихобшуда амалӣ намоянд.

5. Мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ташкил намудани даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ раиси шаҳру ноҳия масъул аст.

6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғибу ташвиқ намоянд.

7. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷомдиҳии муоинаи назоратии тиббии даъватшавандагоне, ки аз ҷониби комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ даъват шудааанд, духтурону мутахассисони ботачриба таъмин намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН
ш. Душанбе, 14 сентябри соли 2012 №1350

Мулоқот бо Игор Шувалов

21 сентябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муовини аввали Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия Игор Шуваловро ба ҳузур пазируфт.

Дар мулоқот маҷмӯи васеи масоили вобаста ба рушди минбаъдаи ҳамшарикии стратегӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар ва омодагӣ ба ташрифи қарибулвуқӯи Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳамкории ҳарбию техникӣ, аз ҷумла муайянсозии муҳлат ва шароити будубоши пойгоҳи низомии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон пас аз соли 2014 ва маҷмӯи масоили ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ зоҳир карда шуд.

Зикр гардид, ки лоиҳаи созишнома доир ба шароити будубоши пойгоҳи низомии Федератсияи Россия дар Тоҷикистон пас аз соли 2014 ва як зумра санадҳои дигар доир ба густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, саноат, илму техника ва технология дар ҳафтаҳои наздик омода мегарданд ва зимни сафари Владимир Путин ба Тоҷикистон бояд ба имзо расанд.

Ҷониби Россия бори дигар ҳавасмандии худро ба иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои энергетики Тоҷикистон, ки дорои аҳамияти бузурги минтақавӣ мебошанд, аз ҷумла дар бунёди неругоҳҳои барқи обӣ ва хатҳои минтақавии интиқоли неруи барқ таъкид дошт.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба танзими масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ, воридоти маводи нафтии Россия ба Тоҷикистон ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

www.prezident.tj

● Вакил ва интихобкунанда

Мулоқот дар маҳаллаҳои «Саҳбо» ва «Кӯҳдоман»

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Марҳабо Ҷабборова бо сокинони маҳаллаҳои «Саҳбо» ва «Кӯҳдоман» - и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе воҳӯрӣ баргузор намуд.

Марҳабо Ҷабборова дар суханронии хеш роҷеъ ба дастовардҳои 21 соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар, ҳамаи ин муваффақиятҳоро самараи суботу амният ва сулҳи пойдор дар кишвари азизамон арзёбӣ кард. Пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат, ки зина ба зина таъмин гардида истодааст, натиҷаи заҳмату талошҳои роҳбарияти олии кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми меҳнатдӯсту ватанпарвари Тоҷикистон аст.

Таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба се ҳадафи пешгирифтаи худ- ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, раҳойӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ сол то сол наздик шуда истодааст. Умед аст, ки дар кӯтоҳтарин муҳлат ба ҳамаи ин ҳадафҳо сарбаландона мерасем. Зеро дастрасӣ ба ин ҳадафҳо ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолии кишвари мо мусоидат хоҳад кард.

Марҳабо Ҷабборова ҳамчунин дар бораи қонуну қарор ва дигар санадҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маълумот дода, зикр кард, ки қонунҳои мазкур ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи ҷавонону наврасон, бедор намудани ҳисси масъулиятпарастии волидайн, бехбуд ёфтани вазъи зиндагии мардум мусоидат менамоянд.

Дар мулоқот инчунин ба мавзуъҳои марбут ба таъмини об, қувваи барқ, таъмири роҳу симчӯбҳо ва дигар масъалаҳои рӯзмарра таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

А.САЛОҲОВ,
муовини мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мо Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил медиҳем

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳукумати мамлакат ба хотири таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ҳамаи имконияту воситаҳоро сафарбар намудааст. Дар давраи соҳибистиқлолии кишварамон дар вилоят ба маблағи умумии беш аз 200 миллион сомонӣ 33 неругоҳи хурди барқи обӣ бунёд гардида, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд, ки иқтидори умумиашон 31,8 мегаваттро ташкил медиҳад.

Ҳоло сохтмони боз се неругоҳ бо маблағи умумии 58 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Аз ҷумла корҳои лоиҳакашӣ ва азнавсозии Неругоҳи барқи обии «Мурғоб» шурӯъ гардидааст. Сохтмони неругоҳи хурди барқи обӣ дар водии Язгулом ва боз як неругоҳи барқи обӣ дар маркази ноҳияи Ванҷ мавриди амал қарор доранд, ки тибқи нақша то охири сол бояд ба истифода супорида шаванд.

Дар баробари ин, Ҳукумати кишвар бо мақсади дастрасии бештари аҳолӣ бо неруи барқ, аз ҷумла ба оилаҳои камбизоати маҳалҳое, ки аз шабакаҳои барқӣ дар масофаи дур воқеъ гардидаанд, тавассути мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо 1800 адад дастгоҳҳои неруи барқи офтобиро ба таври ройгон тақсим намуд.

Агар ҳар як оиларо шашнафарӣ ҳисоб кунем, ин миқдор дастгоҳҳо эҳтиёҷоти қариб 11 ҳазор нафар сокинони вилоятро бо барқ таъмин мекунад.

Бояд гуфт, ки ҳоло ба истиснои ноҳияи Мурғоб сокинони ҳамаи ноҳияҳои вилоят дар чор фасли сол аз 20 то 24 соат бо қувваи барқ таъмин мебошанд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009 «Дар борои Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» дар вилоят дар се марҳила сохтмони боз 16 адад неругоҳи хурди барқи обӣ дар назар аст.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои барномаи мазкур мунтазам чорачӯйӣ намоянд.

Тибқи шартномаи консессионӣ рушди соҳаи энергетикаи вилоят ба зиммаи Ҷамъияти саҳомии «Помирэнерҷӣ» вогузор гардида, ҷиҳати рушди соҳаи энергетикаи вилоят маблағгузорӣ ва инвеститсионӣ ҷалб ва истифода шуда истодаанд.

Аз ҷумла лоиҳаҳои сармоягузории муштарак бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба маблағи умумии 39 миллион доллари амрикоӣ ё қариб 200 миллион сомонӣ барои рушди бахши энергетика амалӣ шуда истодаанд.

Аз ин рӯ, Ҷамъияти саҳомии«Помирэнерҷӣ» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати омодагии системаи энергетикии вилоят ба мавсими тирамоҳу зимистон чорачӯйӣ намоянд.

Илова бар ин, ба Ҷамъияти саҳомии «Помирэнерҷӣ» зарур аст, ки асосноккунии техникиву иқтисодии Неругоҳи барқи обии «Себзор»-ро дар ноҳияи Роштқалъа ҳар чӣ зуттар ба итмом расонида, ҷиҳати таҳияи асосноккунии техникиву иқтисодии Неругоҳи «Санобод» бо иқтидори лоиҳавии 125 мегаватт чорачӯйӣ намояд.

Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар сохтору мақомот ҷиҳати омодагии соҳаҳои иқтисодиву ичтимоӣ ва аҳолии вилоят ба мавсими тирамоҳу зимистон, аз ҷумла кашонидан ва захира кардани ҳаҷми зарурии молҳои озуқаворию маводи сӯзишворӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Таъкид месозам, ки дар навбати аввал бояд аҳолӣ ва муассисаҳои маорифу тандурустӣ ба зимистонгузаронӣ омодагии ҳамачониба дошта бошанд.

Дӯстони азиз!

Соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои асосии иқтисодиёти вилоят маҳсуб ёфта, дар таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят соли 2011-ум 451 миллион сомониро ташкил додааст, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000-ум 370 миллион сомонӣ ё худ 5,6 баробар зиёд аст.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди соҳа дар вилоят танҳо дар шаш соли охир дар доираи барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла рушди соҳаи ҚУТОСПАРВАРӢ, тухмипарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, боғдорӣ ва ғайра беш аз 5 миллион сомонӣ маблағ равона гардидааст. Ба изофа чор лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи умумии 10,5 миллион сомонӣ мавриди амал қарор дорад.

Илова бар ин, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ тавассути бонкҳо барои рушди соҳибкорӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ 15 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шудааст.

Ҳоло дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон майдони заминҳои кишт нуҳ ҳазор гектарро ташкил медиҳад ва истифодаи дурусту самараноки он яке аз омилҳои беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ мебошад.

Бо иқдоми Ҳукумати мамлакат давоми солҳои 2003-2012 дар вилоят беш аз 1000 гектар заминҳо обёрӣ карда шудаанд, ки дар натиҷаи ин иқдом беш аз чор ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил ёфта, сатҳи зиндагии садҳо оила хеле беҳтар гардид.

Дар баробари ин, бо мақсади ҳалли масъалаҳои ичтимоии аҳолӣ тибқи супориши Ҳукумати Тоҷикистон дар вилоят бо манзили истиқоматӣ 3500 гектар замин тақсим карда шудааст. Танҳо дар се соли охир тибқи қарорҳои Ҳукумати мамлакат барои таъмини шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзили истиқоматӣ 400 гектар замин ҷудо гардидааст.

Агар дар 70 соли давраи шӯравӣ ҳамагӣ 1200 гектар барои қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ тақсим шуда бошад, пас дар зарфи 21 соли истиқлолият 3500 гектар замин барои бунёди хонаҳои истиқоматӣ ҷудо шудааст, ки ин ҷиҳати беҳтарсозии шароити манзили 35 ҳазор оила, беш аз ҳама оилаҳои ҷавон имконият медиҳад. Бояд гуфт, ки имрӯз эҳтиёҷоти аҳолии вилоят ба қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ асосан қонеъ гардонида шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз роҳҳои асосии пешрафти соҳаи кишоварзӣ беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ, ташкили истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои мавҷуда, инчунин аз ҳуд кардани заминҳои нав мебошад.

Бо ин мақсад ҳамасола дар вилоят бо ҳисоби миёна беш аз 115 гектар заминҳои нав аз ҳуд карда шуда, тибқи барномаи нави қабулшуда дар давоми солҳои 2012 -2020 азхудкунии боз 830 гектар замини нав ба нақша гирифта шудааст.

Таҳлили азхудкунии заминҳои нав дар даҳ соли охир нишон медиҳад, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 198 нафар аҳолӣ як гектар, дар вилояти Суғд ба 2280 нафар ва дар вилояти Хатлон ба 2590 нафар як гектар рост меояд.

Ҳамзамон бо ин, аз ҷониби Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи августи соли ҷорӣ барои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар вилоят 1,5 миллион сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда, аллакай корҳои лоиҳакашӣ оғоз гардидаанд.

Тибқи фармоиши Ҳукумати мамлакат аз 31 августи соли равон ҷиҳати харидорӣ намудани техникаи зарурӣ барои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,2 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бунёди боғҳои нав, зиёд кардани кишти картошка, рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ, моҳидорӣ, паррандапарварӣ, чорводорӣ ва махсусан қутоспарварӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он маҳсуб мешаванд.

Илова бар ин, ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва таъмини рушди нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ дар вилоят зарур аст, ки:

- Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати таъмини аҳолии вилоят бо картошка ва сабзавоти истеҳсоли ҳудӣ, сохтмони корхонаҳои хурди коркарди мева ва истеҳсоли ғаллаю картошкаи тухмӣ дар ноҳияҳои Ванҷу Рӯшон ва Ишкошим чораҳои мушаххас андешанд;

- Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти чорво ҷиҳати рушди соҳаи чорводорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чораҳои зарурӣ андешида, бо дарназардошти шароити мусоид ба ташкил намудани хоҷагиҳои қутоспарварӣ дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд;

- Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати роҳ надодан ба ҷудо намудани қитъаҳои замин барои маҳалҳои аҳолинишин дар минтақаҳои аз лиҳози экологӣ хавфнок ва одилона тақсим намудани заминҳои ҷудогардида ба оилаҳои воқеан эҳтиёҷманд чораҳо андешад;

- вазоратҳои мелиоратсия ва захираҳои об, кишоварзӣ, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати азхудкунии заминҳои нав дар мавзеи Панҷшанбеободи ноҳияи Ванҷ, инчунин дар дигар ноҳияҳо, паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар мавзеъҳои Дашти Пиш, Тем ва Поршневи ноҳияи Шуғнон, омодасозии лоиҳаи бо оби полезӣ таъмин кардани маркази ноҳияи Мурғоб ва барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят чораҳои иловагӣ андешад. Ин иқдом имконият медиҳад, ки боз ҳазорҳо ҷойи нави корӣ муҳайё гардида, истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ зиёд карда шавад.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар муддати бистуяк соли соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корҳои ободониву бунёдкориро самти муҳими сиёсати ҳуд ҳисобида, таъмиру таҷдиди роҳҳо, бунёди пулҳои ҳам дохиливу ҳам байнисарҳадиро бо сатҳу сифати байналмилалӣ ба анҷом расонидааст.

Айни замон дар самти таъмиру барқарорсозии роҳҳои автомобилгарди вилоят чандин лоиҳаҳо, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб - Қалъаи Хумб, қитъаи Шоҳон - Зиғар, марҳалаи 3» ва лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб - Қалъаи Хумб, қитъаи Шӯрообод-Шоҳон» ба маблағи умумии 560 миллион сомонӣ босуръат идома дошта, лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгарди Лаби Ҷар - Тавилдара – Қалъаи Хумб» мавриди чорачӯйӣ қарор дорад.

Бояд гуфт, ки ҳанӯз соли 2000-ум Ҳукумати мамлакат аввалин лоиҳаи сармоягузориро дар соҳаи роҳсозӣ маҳз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз бунёди 33 километр роҳи мошингарди Мурғоб-Кулма бо арзиши беш аз 67 миллион сомонӣ оғоз карда буд.

Ҳамзамон бо ин, дар замони истиқлолият барои нигоҳдории роҳҳои мошингарди истифодаи умум ва таҷдиду барқарорсозии онҳо дар вилоят аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ беш аз 63 миллион сомонӣ сарф шудааст.

Дар ин ҷода, Вазорати нақлиёт, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки доир ба татбиқи саривақтии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини сифати баланди корҳои сохтмонӣ ва истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои ба соҳаи мазкур ҷудошуда чорачӯйӣ намоянд.

Чунонки ҳамаи ҳозирини муҳтарам ва мардуми вилоят хуб дар ёд доранд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то охири солҳои 90-уми асри гузашта танҳо як роҳи рафтуомад бо маркази кишвар дошт, ки он ҳам дар як сол ҳамагӣ панҷ-шаш моҳ кушода буд. Маҳз ба хотири аз байн бурдани ин мушкилоти мардум мо татбиқи лоиҳаҳои зиёди сармоягузориро оғоз кардем ва ман ҳанӯз соли 2000-ум изҳор дошта будам, ки мо Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил медиҳем. Тавре ки имрӯз мебинед, тавассути қаламрави вилоят роҳҳои муосири байналмилалӣ мегузаранд, чор пули мошингарди замонавӣ вилоятро ба кишварҳои ҳамсоя мепайвандад ва чандин бозорҳои наздисарҳадӣ фаъолият мекунанд.

Яъне, ҳоло мардуми вилоят аз мушкилоти рафтуомад ба дигар минтақаҳо пурра раҳойӣ ёфтаанд.

Ҳамзамон бо ин, дар замони сохти гузашта аҳолии вилоят аз тамошои барномаҳои телевизиони Тоҷикистон умуман маҳрум буд. Ба шарофати истиқлолият ва тадричан амалӣ шудани сиёсати созандаи Ҳукумат 31 декабри соли 1996 пахши барномаҳои телевизиони мамлакат дар қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оғоз гардид ва ҳоло аҳолии вилоят аз тамошои барномаҳои ҳар чор шабакаи телевизиони марказӣ бархӯрдоранд.

Дӯстони азиз!

Дар доираи татбиқи афзалиятҳое, ки Ҳукумати мамлакат муайян намудааст, маблағгузории соҳаи маориф дар вилоят сол ба сол афзоиш ёфта истодааст. Агар соли 1995 барои муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз буҷети давлатӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 73 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2005 ин нишондиҳанда зиёда аз 13 миллион сомониро ташкил додааст.

Соли ҷорӣ барои рушди соҳаи маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳаҷми 55 миллион сомонӣ маблағ ҷудо шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1995 беш аз 77 баробар ва нисбат ба соли 2005 қариб чоруним баробар зиёд мебошад.

Андозаи миёнаи ҳарочоти буҷети давлатӣ вобаста ба шумораи аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба вилоятҳои Суғду Хатлон хеле зиёд мебошад. Масалан, агар барои вилоятҳои мазкур 500 сомонӣ барои як нафар ҷудо шуда бошад, пас барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ин нишондиҳанда 1130 сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба як синфхона 12 нафар хонанда рост меояд, ки ин нишондиҳанда дар мактабҳои миёнаи умумии вилоятҳои Хатлону Суғд ду баробар ва дар мактабҳои миёнаи умумии шаҳри Душанбе қариб 2,5 баробар зиёд мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят ба ҳашт нафар хонанда як омӯзгор рост меояд, ҳол он ки дар вилояти Суғд ба 14 нафар, дар вилояти Хатлон ба 21 нафар ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 19 нафар хонанда як омӯзгор рост меояд.

Толибилмони муассисаҳои таълимии вилоят бо китобҳои дарсӣ ҳамасола қариб 90 фоиз таъмин карда мешаванд.

Барномаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиёда аз 172 фоиз таъмин гардидааст, ҳол он ки дар кишвар нишондиҳандаи миёнаи ичрои барномаи мазкур 83 фоизро ташкил медиҳад.

Агар дар миқёси ҷумҳурӣ ба 18 нафар хонанда як адад компютер рост ояд, пас дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ҳашт нафар хонанда як компютер рост меояд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба дигар вилоятҳои кишвар 2,2 баробар зиёд аст. Чанд рӯз пештар, яъне дар арафаи 21 - солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тибқи Амри Президенти мамлакат ба мактабҳои вилоят боз 80 компютер ва 13 принтер тақсим карда шуд.

Дар даҳ соли охир ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат тибқи квотаи Президентӣ 1000 ҷой, аз ҷумла 430 ҷой барои писарон ва 570 ҷой барои духтарон ҷудо гардидааст. То имрӯз аз ин теъдод 230 нафар, аз ҷумла 137 нафар духтарон ва 93 нафар писарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро хатм намуда, тибқи роҳхат барои кор ба вилоят фиристода шудаанд.

Дар муқоиса бо дигар минтақаҳои кишвар ин нишондиҳандаи баландтарини фарогирӣ ба таҳсил тибқи квотаи президентӣ мебошад, зеро соли равон барои вилояти Хатлон 453 ҷой ва барои вилояти Суғд 301 ҷой ҷудо гардид, ки ин рақамҳо нисбат ба шумораи аҳолӣ дар муқоиса бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон шаш баробар кам мебошанд ва солҳои қаблӣ низ чунин ҳолат мавҷуд буд.

Дар зарфи солҳои истиқлолият аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 22 ҳазор нафар донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таҳсил намудаанд. Ҳоло бошад, 2600 нафар донишҷӯён аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар муассисаҳои олии касбии мамлакат таҳсил менамоянд. Ғайр аз ин, дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ зиёда аз сеюним ҳазор ҷавонписарону ҷавондухтарони вилоят таҳсил доранд.

Дар даҳ соли охир барои таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар аз шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 532 нафар ҷавонон фиристода шудаанд, ки ин дар муқоиса бо шумораи аҳолӣ нисбат ба вилояти Хатлон се баробар зиёд мебошад. Хотирнишон мекунам, ки таҳсили донишҷӯён дар хориҷи кишвар ройгон буда, онҳо бо хобгоҳ ва стипендия таъмин карда мешаванд.

Дар давоми солҳои 1991-2011 дар қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сохтмони 109 бинои мактаб барои зиёда аз 27 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи умумии беш аз 124 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Тибқи нақша соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳашт иншооти соҳаи маориф барои зиёда аз 1600 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода мешавад.

Илова бар ин, ба нақшаи соли 2013 сохтмони якчанд мактаби нав дар деҳаҳои Птуп ва Қозидеҳи ноҳияи Ишкошим, Навобод ва Ванқалъаи ноҳияи Шуғнон ва деҳаи Разучи ноҳияи Рӯшон ворид карда шудааст.

Таҳлили рақамҳои дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки сохтмони бинои нави мактабҳо, синфхонаҳои иловагӣ ва ҷойҳои нишасти хонандагон вобаста ба шумораи аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба вилоятҳои Суғду Хатлон хеле ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чор баробар зиёд мебошад.

Ҳукумати кишвар ҷиҳати сохтмони мактаб - интернати ҷумҳуриявӣ дар ноҳияи Рӯшон, ки барои 640 ҷой пешбинӣ гардидааст, аз ҳисоби буҷет қариб 24 миллион сомонӣ ҷудо намуд, ки дирӯз ба истифода супорида шуд. Таҳлилҳо ва нишондиҳандаҳои зикршуда гувоҳи онанд, ки соҳаи маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бештар аз дигар манотиқи кишвар маблағгузорӣ гардида, Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати рушди ин соҳа то ба имрӯз тамоми имконоти ҳудро истифода намудааст.

Лекин ҳодисаҳои номатлубе, ки дар дар шаҳри Хоруғ ба вуқӯъ пайвастанд, собит намуданд, ки тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, садоқат ба манфиатҳои милливу давлатӣ, эҳтиромгузорӣ ба сохти конститутсионӣ ва риояи қонунҳои ҷорӣ дар мактабҳои алоҳида, хусусан дар шаҳри Хоруғ дар сатҳи паст қарор дорад.

Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борои масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ҳудуди шаҳр аз мадди назари мақомоти дахлдор ва аҳли ҷомеа комилан дур мондааст. Маҳз ҳамин омилҳо боиси он гаштаанд, ки унсурҳои олами ҷиноӣ ва саркардагони гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ба мафкураи ноболиғону ҷавонон таъсир расонанд, онҳоро ба сафҳои ҳуд ҷалб кунанд ё ба истеъмолкунандагони маводи мухаддир, ки ҳудашон интиқолдиҳанда ва паҳнкунандаи он мебошанд, табдил диҳанд.

Аз ин лиҳоз, аҳли маориф, падару модарон, зиёиён ва шахсони обруманди шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ба масъалаи тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, одобу ахлоқи ҳамида ва эҳтирому риояи қонун тарбия кардани онҳо бо масъулияти баланд ва бисёр ҷиддӣ муносибат намоянд.

Ҳамдиёрони азиз!

Дар замони истиқлолияти кишвар дар соҳаи тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгирии бевосита Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани инфрасохтори соҳа, таъмини муассисаҳои тиббӣ бо маводи доруворӣ, таҷҳизоту молҳои тиббӣ ва сохтмони иншооти тандурустӣ иқдомоти назаррас ба анҷом расонида шудаанд.

Бо мақсади рушди соҳаи тандурустии вилоят аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар маҷмӯъ қариб 160 миллион сомонӣ, аз ҷумла 75 миллион сомонӣ маблағи кӯмакҳои башардӯстона сарф гардида, барои пурзӯр намудани неруи корӣ 9 миллион сомонӣ, ичрои корҳои сохтмону барқарорсозӣ 31 миллион ва таҷҳизоти тиббӣ 12 миллион сомонӣ равона гардидааст.

Дар натиҷаи иқдомҳои пайвастаи Давлат ва Ҳукумати мамлакат буҷети соҳаи тандурустии вилоят аз 40 ҳазор сомонии солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба 25 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ ба маблағи зиёда аз 200 миллион сомонӣ маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ дастрас карда шудаанд.

Ҳоло дар шаҳри Хоруғ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат аз ҳисоби Фонди глобалӣ ба маблағи 2,5 миллион сомонӣ сохтмони намоёндагии ду маркази ҷумҳуриявии соҳаи тандурустӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Ҳамзамон бо ин, дар ҳудуди вилоят бо маблағгузории Ҳукумати Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ ба маблағи зиёда аз 25 миллион сомонӣ корҳои сохтмону таъмири иншооти тандурустӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Аз ҷумла марказҳои саломатӣ дар шаҳраки Вахдати ноҳияи Ванҷ ва дар деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошим ба маблағи умумии як миллион сомонӣ сохта ва бо таҷҳизоти зарурии тиббӣ таҷҳизонида шудаанд.

Ҳамчунин соли 2010 маркази саломатӣ дар ноҳияи Ванҷ, ки бар асари заминларзаи 5-уми январи соли 2010 пурра хароб гардида буд, ба маблағи қариб 3,5 миллион сомонӣ сохта, бо таҷҳизоту лавозимоти тиббии муосир мавриди истифода қарор дода шуд.

Илова бар ин, соли 2006 дар шаҳри Хоруғ беморхонаи касалиҳои дил бо сарфи маблағи беш аз 2,5 миллион сомонӣ ва маркази саломатӣ дар деҳаи Хосаи ноҳияи Шуғнон сохта ва бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ таъмин карда шуд.

Аз соли 2013 сар карда, тибқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳои дар асоси он таҳияшуда сохтмони марказу бунгоҳҳои саломатӣ дар ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб, Рӯшон ва Маркази назорати санитариву эпидемиологӣ дар ноҳияи Дарвоз ба нақшаи корҳои сохтмонии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд.

Инчунин барои сохтмони беморхонаи вилоятии беморихои сил аз ҷониби Хазинаи глобалӣ беш аз 4 миллион сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки сохтмони он дар аввали соли 2011 оғоз шуда, то имрӯз 60 фоизи маблағи ҷудогардида азхуд карда шудааст.

Ғайр аз ин, соли 2011 барои беморхонаи вилоятии беморихои дил дар шаҳри Хоруғ дастгоҳҳои замонавӣ ҳаридорӣ карда шуда, бинои беморхонаи наркологӣ аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Сохтмони таваллудхонаи замонавӣ дар шаҳри Хоруғ идома дорад ва он бояд дар давоми соли ҷорӣ ба истифода супорида шавад.

Ҳамин тавр, Ҳукумати кишвар ба соҳаи тандурустии вилоят ҳамасола таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маблағгузории онро сол то сол зиёд менамояд.

Имсол ба соҳаи тандурустии вилоят қариб 30 миллион сомонӣ равона карда мешавад, ки нисбат ба соли 1991 беш аз 700 баробар зиёд мебошад.

Дар баробари ин, ба хотири вусъат бахшидани корҳои сохтмонӣ дар вилоят Дирексияи сохтмони иншооти ҳукматӣ, Агентии сохтмон ва меъморӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати пурра аз ҳуд кардани маблағҳои барои сохтмони иншооти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла тандурустӣ пешбинишуда ва дар мухлатҳои муқарраргардида ба истифода супоридани онҳо тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дӯстони азиз!

Соли 2011 дар Паёми ҳуд ба Маҷлиси Олии мамлакат мо вазифа гузошта будем, ки дар давоми се сол музди меҳнати кормандони соҳаҳои ичтимоиро то ду баробар зиёд намоем ва тавре ки шумо медонед, мо ин вазифаро пеш аз мухлат, яъне дар давоми ду сол амалӣ кардем.

Аз ҷумла марҳалаи дуюми зиёдшавии музди меҳнати кормандони муассисаву ташкилотҳои соҳаҳои ичтимоӣ аз 1 сентябри соли ҷорӣ амалӣ гардида, зиёдшавии музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, яъне мактабҳои миёна ва муассисаҳои томактабӣ, хона - интернатҳо барои пиронсолону маъюбон ба андозаи 60 фоиз, соҳаи фарҳанг 50 фоиз, соҳаҳои тандурустиву ҳифзи ичтимоӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф 40 фоиз, кормандони соҳаи илм ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ 30 фоиз, инчунин стипендияҳои давлатии донишҷӯёну аспирантон 50 фоиз зиёд карда шуд.

Музди меҳнати ҳадди ақал бошад, дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат дуюним баробар баланд бардошта шуд.

Ҳамзамон бо ин, сокинони тамоми ноҳияҳои вилоят аз пардохти иловапулӣ ба музди меҳнат ва нафақа бо истифода аз коэффитсиентҳои ноҳияҳои баландкӯҳ бархӯрдоранд.

Дар асоси коэффитсиентҳои ноҳиявӣ ва баландкӯҳ ба музди меҳнати умумии кормандон дар ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз 20 фоиз, дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Рӯшон, Шуғнон 35 фоиз, Ишкошим ва Роштқалъа 40 фоиз аз андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисоб ва дар ноҳияи Мурғоб бошад, 50 фоиз аз музди меҳнат иловапулӣ дода мешавад.

Даромадҳои пулӣ. Тибқи маълумоти оморӣ аз соли 2000-ум инҷониб дар мамлакат сатҳи зиндагии мардум тадричан беҳтар гардида, даромадҳои аҳолии кишвар дар соли 2011-ум нисбат ба соли 2000-ум беш аз 16 баробар афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон даромадҳои пулии аҳолӣ аз 305 миллион сомонӣ дар соли 2009 то ба 363 миллион сомонӣ дар соли 2011 зиёд шудааст. Яъне, танҳо дар се соли охир даромадҳои пулии аҳолии вилоят 58 миллион сомонӣ афзоиш ёфтаааст. Даромадҳои умумии аҳолии вилоят бошад, дар соли 2011 ба 656 миллион баробар гардидааст.

Сатҳи камбизоатӣ. Сатҳи камбизоатӣ дар вилоят аз 81 фоизи соли 1999-ум то 42 фоиз дар соли 2011 кам карда шуд.

Пасандозҳо. Ҳамасола маблағи пасандозҳои аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор дар бонкҳои кишвар афзоиш ёфта, танҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 30 миллион сомонӣ дар соли 2005 то ба 90 миллион сомонӣ дар соли 2011 зиёд гардидааст. Ин нишондиҳанда дар вилоят дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ беш аз 109 миллион сомониро ташкил додааст.

Дар ин давра пасандозҳои аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 20 миллион сомонӣ то ба 65 миллион сомонӣ ё худ 3,2 баробар зиёд шудааст. Дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ бошад, пасандозҳои аҳолии вилоят ба 76 миллион сомонӣ расидааст.

Теъдоди телефонҳо. Дар тамоми давраи шӯравӣ дар қаламрави вилоят ҳамагӣ 12 ҳазору 200 телефони хонагӣ мавҷуд буд. Ҳоло бошад, муштариёни телефонҳои хонагӣ ва бесим дар вилоят 17 ҳазор ва муштариёни алоқаи мобилӣ 162 ҳазор мебошанд.

Яъне, қариб 90 фоизи аҳолии вилоят бо алоқаи телефонӣ таъмин аст. Агар ҳароҷоти як телефонро дар як моҳ ба ҳисоби миёна 50 сомонӣ ҳисоб кунем, сокинони вилоят дар як моҳ нуҳ миллион сомонӣ ё қариб ду миллион доллар танҳо барои алоқа сарф мекунанд.

Теъдоди автомошинаҳо. Мувофиқи маълумоти оморӣ Вазорати корҳои дохилӣ шумораи умумии воситаҳои нақлиёт дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар 70 соли замони шӯравӣ тақрибан 2,5 ҳазор буд. Ҳоло қариб 9 ҳазор, аз ҷумла автомошинаҳои сабукрави шахсӣ 8 ҳазору 300 адад ро ташкил медиҳанд.

Таъмин намудани сокинони кишвар бо ҷойи кори доимӣ ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти давлат қарор дорад. Дар даҳ соли охир дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон беш аз 52 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шудааст.

Танҳо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар вилоят 2500 ҷойи нави корӣ ташкил карда шуда, 510 нафар шаҳрвандони бекор ба касбомӯзӣ

Мо Бадахшонро ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил медиҳем

(Идома аз саҳ. 1, 2)

Масалан, чор ҳодисаи хариду фурӯши занҳо ва духтарони ноболиғ дар вилоят ҷой дорад, ки бо таъсири гурӯҳҳои зикршуда то ба ҳол ошкор нагардида, се нафари онҳо, аз ҷумла ду духтари ноболиғи солҳои таваллуди 1994 ва 1995 то имрӯз бедарак мебошанд.

Имрӯзҳо сару садоҳо дар хусуси боз ҳам авф намудани ин гурӯҳҳои ҷиноятkор садо дода истодаанд. Тибқи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда авф бо қабули қонуни махсус, танҳо баъди тафтиши ҷиноят, ошкор ва муайян шудани гунаҳкорон ва исбот шудани гуноҳи онҳо, бахшиши ҷазо бошад, аз ҷониби Президенти мамлакат танҳо баъди ҳукми суд нисбат ба шахси маҳкумшуда татбиқ карда мешавад.

Ҳамзамон бо ин, мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне, ки ихтиёран ба мақомоти ҳокимият дар бораи иштирокашон дар иттиҳоди ҷиноятӣ омада, хабар медиҳанд ва шахсоне, ки ихтиёрӣ ироқи оташфишон ва лавозимоти ҷангии ғайриқонунӣ бадастовардашударо месупоранд, омада ба гуноҳи худ иқрор шуда, самимона пушаймон мешаванд ва дар пешгирӣ кардан ва ошкор намудани ҷиноятҳо бо мақомот фаъолона ҳамкорӣ менамоянд, аз рӯйи ҳамин ҷиноятҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд.

Таҳлили ҳолати воқеии ҷиноятkорӣ ва воқеаҳои вақтҳои охир гувоҳӣ медиҳанд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилоят ва хусусан шаҳри Хоруғ фаъолияти худро доир ба пешгирӣ ва мубориза бо ҷиноятkорӣ дар сатҳи лозимӣ таъмин накарда истодаанд.

Аз ин рӯ, қатъиян таъкид месозам, ки онҳо ба муросокорӣ ва беэътиноие, ки баъзан мушоҳида мегардад, хотима бахшида, ба савганди касбии худ дар ҳама ҳолат содиқ бошанд ва тафтишотро аз рӯйи ҳодисаҳои рӯзҳои охир рӯйдода холисона то ба охир расонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар қаламрави вилоят, хусусан дар ноҳияҳои ҳамсарҳад бо Афғонистон, қочоқи маводи мухаддир ва вазъи нашъамандӣ ҳамоно мураккаб боқӣ мемонад.

Дар тӯли солҳои 2005-2011 шумораи дастгиршудагон вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар вилоят мунтазам афзудааст. Агар дар солҳои 2000-2005 ҳамагӣ 49 нафар сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳудуди кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дастгир шуда бошанд, пас ин шумора дар солҳои 2006-2011 ба 143 нафар расидааст ё ба андозаи се баробар афзудааст.

Дар баробари ин, вазъи нашъамандӣ дар вилоят ташвишовар боқӣ монда, шумораи беморони нашъаманд нисбат ба 100 ҳазор аҳолӣ ба 442 нафар баробар шудааст, ки ин нишондиҳанда аз сатҳи умумимиллӣ панҷ баробар ва дар муқоиса бо вилоятҳои Суғду Хатлон даҳ баробар зиёд мебошад. Дар вилоят соли 2001 агар 147 нафар шахсони гирифтори нашъамандӣ ба қайд гирифта шуда бошанд, пас ин рақам айни замон ба 1000 нафар расидааст, ки 494 нафар ё қариб 50 фоизи он ба шаҳри Хоруғ рост меояд ва мутаассифона, шаш нафари онҳо занон мебошанд. Аз соли 1997 то имрӯз бошад, зиёда аз 220 нафар аз бемории нашъамандӣ вафот кардааанд, ки ин фоҷиаи бузург ва зарба ба генофонди миллат мебошад.

Афзоиши миқдори истифодабарандагони маводи мухаддир аз дастрасии бемонеаи он гувоҳӣ медиҳад ва мақомоти дахлдорро зарур аст, ки чиҳати пешгирии ин тамоюли хатарнок тадбирҳои ҷиддӣ ва бетаъхир андешанд.

Дар миқёси вилоят аз соли 1994 то ҳоло зиёда аз панҷ ҳазор мил силоҳи гуногуни оташфишон, аз ҷумла аз аввали соли ҷорӣ 386 мил ва танҳо дар ду моҳи охир 247 мил силоҳ ва 20 ҳазор дона муҳимоти ҷангӣ, инчунин 145 килограмм маводи тарканда гирифта шудааст.

Аз соли 2000-ум то имрӯз дар миқёси вилоят шаш тоннаву 83 килограмм ва танҳо дар чоруним соли охир як тоннаву 100 килограмм маводи мухаддир, ки 56 килограмми он героин мебошад, мусодира шудааст. Ҳол он ки дар ин чоруним сол дар минтақаҳои дигари кишвар танҳо дар нуҳ ҳолат сокинони шаҳри Хоруғ, ки бо интиқоли маводи мухаддир ба дигар минтақаҳо машғул буданд, дастгир шуда, аз онҳо як тоннаву 220 килограмм маводи мухаддир, аз ҷумла 145 килограмм героин мусодира карда шудааст.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки қаламрави вилоят ба дарвозаи қочоқ ва интиқоли маводи мухаддир, силоҳ ва сангҳои қиматбаҳо табдил ёфтааст, ки ин амалҳои нангин дар навбати худ яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятkор ба шумор меравад.

Дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Чин, Эрон ва баъзе кишварҳои дигар барои муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ҷазои қатл пешбинӣ шудааст.

Бо дарназардошти чунин вазъ ва бо истифода аз фурсат ба тамоми мардуми шарифи Бадахшон мурочиат мекунам, ки дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, хариду фурӯши одамон, сангҳои қиматбаҳо ва дигар ҷиноятkориҳои муташаккилона ҳудро дар канор нагиранд ва кӯмаки хешро аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дареғ надоранд. Зеро мо танҳо бо ҳамин роҳ ва дар якҷоягӣ метавонем фарзандони худро аз гирифторӣ ба дарди бедавои нашъамандӣ ва эҳтимолияти даст задан ба ҷиноят эмин нигоҳ дорем.

Теъдоди зиёди ҷавонони нашъаманд ва миқдори калони силоҳу муҳимоти дар шаҳри Хоруғ дар муддати як моҳи охир ба мақомот супоридашуда ҳар яки моро водор месозад, ки дар роҳи мубориза бо ин падидаҳои нангин бетарафӣ зоҳир накунем. Зеро беэътиноӣ ба ин масъалаи ниҳоят муҳим нишонаи он аст, ки мо дидаву дониста, фарзандони худро ҷониби марг ё пушти панҷараи маҳбас гусел мекунем.

Аз ин лиҳоз, ба мо зарур аст, ки фарзандонамонро таълиму тарбияи дуруст диҳем, то ки онҳо дар оянда ифтихори волидайну миллат бошанд ва ҳисси вафодориву садоқатро ба Ватани худ ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозанд.

Ман зимни вохӯриҳо бо мардуми тамоми минтақаҳо ҳамеша таъкид менамоям, ки мо бояд зиракии сиёсиро ҳеҷ гоҳ аз даст надиҳем ва манфиатҳои умумимиллиамонро қурбони манфиатҳои гурӯҳӣ, ҳизбӣ ва бегонапарастон нагардонем.

Ҳодисаҳои шаҳри Хоруғ ҳамаи моро ҳушдор медиҳанд, ки ба тарбияи хешташиносиву ватандӯстии насли наврас беш аз беш эътибор дода, ин масъулияти бузургро дар заминаи садоқат ба Ватану ҷоннисории падарони бузурғамон таҳким бахшем. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки гузаштагони мо дар душвортарин лаҳзаҳо ба Ватан содиқона хизмат намуда, бо саҳми худ дар пешрафти он ва беҳбудии рӯзгори мардум барои мо намунаи ибратанд.

Аз ҷумла Бадахшон чун диёри фарҳангофари кишвари азизамон дар оғӯши худ шахсиятҳои муҳтабареро тарбия карда, ба камол расонидааст, ки онҳо дар пешрафти сарзамини аҷдодӣ саҳми муносиб дошта, бо меҳнати шоёну содиқонаи худ дар назди Ватану миллат эҳтиромӣ бузург доранд.

Меҳоҳам хизматҳои воқеан таърихии яке аз ин фарзандони фарзонаи миллат -Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемурро, ки дар ҳақиқат барои мо дарси ибрат мебошад, махсус қайд намоям.

Ин абармарди намоёни миллат аз ҷумлаи сиёсатмадорон ва ходимони давлатие буд, ки дар ибтидои асри XX рисолати таърихии хешро дар назди миллати тоҷик ва тақдири оянда он дарк намуда, тамоми қудрату донишашро баҳри рушду нумуи иқтисодиёт, илму фарҳанг, маориф, поягузорӣ ва сохтмони давлати миллии тоҷикон равона сохтааст.

Мубориза ба хотири пойдор намудани ҳақиқату адолат дар масъалаи муайян сохтани тақдири таърихии халқи тоҷик ва тақсимоти милливу ҳудудӣ дар ибтидои солҳои 20 –уми асри гузашта тезутунд мегардид.

Бадхоҳони миллат дар он замон мавҷудияти миллати тоҷикро инкор менамуданд ва ба ҳар роҳу восита барои соҳиби давлат шудани мо монеаҳои зиёд эҷод мекардаанд.

Дар чунин даврони пуртазод сиёсатмадори фидоӣ Шириншоҳ Шоҳтемур барои дифои манфиатҳои миллии мардум иқдоми ҷавонмардонаро анҷом додааст. Маҳз ӯ ва ҳамсафонаш бар зидди ин ақидаҳои иғвогарона баромада, ҳуқуқи таърихии тоҷиконро барои таъсиси давлати миллӣ далерона ҳимоя кардаанд.

Шириншоҳ Шоҳтемур дар умри кӯтоҳи худ тавонист дар таърихи миллат саҳифаҳои дурахшонеро сабт намояд. Хизматҳои беназири ӯро ба назар гирифта, Ҳукумати мамлакат баъди 70 соли фаромӯшӣ ин фарзанди ҷонфидои миллатро бо унвони олии кишвар – Қаҳрамони Тоҷикистон сарфароз гардонид.

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки давлатсозиву давлатдорӣ, хусусан дар шароити пурмочарову ҳассоси ҷаҳони имрӯза кори осон нест.

Аз ин рӯ, бояд кӯшиш намоем, ки фарзандонамонро дар рӯҳияи худшиносиву ҳувияти миллӣ ва эҳсоси баланди ватандорӣ тарбия намоем, ки дар оянда номбардори миллати бошарафи тоҷик бошанд.

Ҳозирини арҷманд!

Ҳар дафъаи омаданам ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз истиқболи гарму самимонаи мардуми шаҳру ноҳияҳои он сарфароз мегардам. Меҳмоннавозиву хайрҳоҳӣ ва пӯҳиливу покнизории бадахшониён ба ҳама маълум аст.

Ҳамчунин маълум аст, ки мардуми Бадахшон чун тамоми миллати тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо ҷонибдори сулҳу осоиш ва вахдату ҳамдигарфаҳмӣ будаанд ва ин хислати неку пурқиматро имрӯз низ эҳтиром мекунанд.

Бинобар ин, аз ҳодисаи ноҳуше, ки чанде қабл дар шаҳри Хоруғ бо таҳрики гурӯҳҳои ҷиноятпешаҳ рух дод, на фақат сокинони Бадахшон, балки тамоми мардуми Тоҷикистон дар ҳолати ташвишу нигаронӣ қарор доштанд. Зеро мардуми Тоҷикистон, ки дар охири асри гузашта дучори ҷанги харобиовари шаҳрвандӣ гардида буданд, оқибатҳои ҷонсӯзи муқовимати мусаллаҳонаро хуб медонанд.

Ба Хоруғ ворид гардидани воҳидҳои мубориза бар зидди ҷиноятkории муташаккилонаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳз ба хотири таъмини волияти қонун ва безарар гардонидани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятkор буд, ки куштори генерал Назаров Абдуллоро содир карда буданд ва мехостанд бо истифодаи силоҳи ғайриқонунӣ бадастовардаи худ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дахолат ва монеа эҷод карда, суботу оромии ҷомеаро халалдор созанд.

Маҳз бо сабаби саркашии дастаҳои ҷиноятkор ва муқовимати мусаллаҳонаи онҳо дар шаҳри Хоруғ нооромӣ ба вуҷуд омад.

Ҳар кадоми шумо хуб медонед, ки дар кулли кишварҳои ҷаҳон давлат бо тамоми қуввааш восита бар зидди гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва ҷиноятkории муташаккилона мубориза мебарад, то ин ки амнияти давлат ва оромии ҷомеаро таъмин намояд. Ин яке аз вазифаҳои умдатарини ҳар як давлату ҳукумат аст.

Мо минбаъд низ бар зидди ҳама гуна зуҳуроти қонуншиканӣ, дар навбати аввал терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, хариду фурӯши одамон ва дигар ҷиноятkориҳои муташаккилона мубориза беамон ҳоҳем бурд.

Бовар дорам, ки мардуми бонангу номуси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минбаъд низ дар амалӣ намудани нақшаҳои Ҳукумати кишвар ба хотири рушди босуботи Ватани маҳбубамон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Бори дигар, таъкид менамоям, ки ба мо, пеш аз ҳама сулҳу субот ва тинҷиву амонӣ зарур аст. Мо бояд сулҳу суботро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем, аз ҳодисаҳои фоҷиавии сарзада хулосаҳои зарурӣ барорем ва тамоми тадбирҳоро андешем, то ин ки чунин зуҳуроти номатлуб дигар ҳаргиз такрор наёбанд.

Ҳамдиёрони азиз!

Башарият айни замон дар марҳилаи бисёр пуртазод ва пур аз моҷаро қарор дорад. Агар аз як ҷониб, гармшавии иқлими сайёра сабаби ба амал омадани офатҳои табиӣ ва дар ин замина хароб гардидани иқтисоди як қатор кишварҳо шуда бошад, аз ҷониби дигар, зуҳуроти хатарноки муосир, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, хариду фурӯши одамон ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ боиси халалдор шудани амнияти минтақаҳо ва давлатҳо гардидаанд.

Дар чунин шароити ҳассоси авзои байналмилалӣ моро зарур аст, ки доимо ҳушёру зирак бошем, ақлу хирад ва донишу таҷрибаи худро ба хотири таҳвияти минбаъдаи давлатамон, ҳифзи марзу буми он, таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳу суботи комили ҷомеа сафарбар намоем.

Вобаста ба ин, Вазорати мудофиа ва Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин бо истифода аз тамоми имкониятҳо доир ба ҳар чӣ бештар мустаҳкам кардани ҳифзи сарҳади давлатӣ, бунёди иншооти сарҳадӣ ва ташкили дидбонгоҳҳои нав, инчунин таъмини пурраи сарҳадбонон бо маводу амволи зарурӣ чораҳои ҷиддии иловагӣ андешанд.

Мо ҳеҷ гоҳ набояд ба тақдири миллату давлат бетараф бошем. Зеро бетарафӣ боиси фаъол шудани неруҳои беруна ва бадхоҳони миллату давлатамон мегардад. Воқеаҳои дар шаҳри Хоруғ рухдода нишон доданд, ки на танҳо дар дохили кишварамон, балки берун аз ҳоки он гурӯҳҳо ва афроди алоҳидае ҳастанд, ки манфиатдори ноорам шудани вазъият дар Тоҷикистон мебошанд.

Хушбахтона, ақли солим, таҳаммул ва дарки оқибатҳои ин падидаи номатлуб мардуми солору сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро водор намуд, ки нисбат ба тақдири ояндаи миллату давлат бетараф набошанд.

Имрӯз ман ба ҳамаи онҳое, ки чиҳати муҳтадил гардонидани вазъияти баамаломада саҳми ватандӯстонаи худро дареғ надоштанд, изҳори сипосу миннатдорӣ менамоям.

Ман ҳамаи сафарҳои худ, аз ҷумла сафари аввалини худро ба вилоят ҳуб дар ёд дорам ва мехоҳам хотиршон созам, ки аз рӯзҳои аввали Сарвари давлат интихоб шуданам то имрӯз бо мардуми вилоят муносибати падарона дорам.

Умуман, сафари имрӯзаи ман ба вилоят аз моҳи феврали соли 1993 сафари панҷоҳу якум аст. Ҳанӯз моҳи майи соли 1995, аниқтараш 25 майи соли 1995 Волоҳазрат Оғохони IV – ро аввалин бор ба вилоят оварда будам.

Ман ба азму иродаи қавии мардуми меҳнатқарину сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҷавонмардони бонангу номус, падару мадарони хирадманду рӯзгордида ва зиёиёни ватандӯсти вилоят итминони комил дорам ва умедворам, ки ҳурду бузурги вилоят дар амалӣ шудани нақшаву барномаҳои созандаи давлат ва Ҳукумати мамлакат саҳми ватанпарваронаи худро мегузоранд.

Дар фарҷоми сухан ҳамаи шумо - сокинони иззатманду матиниродаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро ба муносибати 80-солагии таъсиси шаҳри Хоруғ самимона табрик гуфта, барои истиқболи гарму қадрдонии самимиатон изҳори сипос менамоям ва ба ҳар яки шумо тани сиҳату рӯзгори обод ва барори кор орзу менамоям.

Доимо мисли қуллаҳои баланди Бадахшон сарбаланду сарфароз бошед!

Ҷаласаи ситод баргузор шуд

20 сентябри соли ҷорӣ таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи Ситод оид ба таҳқиқу баррасӣ ва бартарафсозии оқибатҳои сӯхтори шоми 5 сентябри соли 2012 дар бозори яклухтфурӯшии ҶДММ «Бозори Корвон» баамаломада баргузор гардид.

Зимни баррасии фаъолияти Ситод дар даҳрӯзаи аввал баҳри ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорони зарардида ва иҷрои чораҳои таъиншуда аз ҷониби маъмурияту соҳибмулки ҶДММ «Бозори Корвон», роҳандозии дастгириҳои иҷтимоӣ аз ҷониби бонкҳои қарздода ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои дахлдор оиди дар муҳлатҳои муқаррарӣ ба анҷом расонидани ташхиси сабаб ва оқибатҳои сӯхтор таваҷҷуҳи масъулини ниҳодҳои марбутаро ба иҷрои босифату беғаразонаи вазифаҳои таъинотии хизматӣ нигаронида, Маҳмадсаид Убайдуллоев дастур дод, ки дар муҳлати муқарраргардида вобаста ба самти фарогири хизматӣ тадбирҳои мушахҳаси фаврӣ андешида шаванд.

Ш. САИДОВ

Қабули ҳосили нави пахта оғоз ёфт

Дар ҳафт корхонаи пахтатозакунии ноҳияи Зафаробод- ҶДММ «Шараф-1», «Хубҷамъ ва К», «Зафаробод-инвест», «Эрудит», «Пахтаи Пролетар» ва ҶСП «Деҳқон» қабули ҳосили нави пахта оғоз гардид. Тавре мудири шӯъбаи иқтисод ва савдои дастгоҳи раиси ноҳия Фаррух Розиқов иттилоъ дод, маросими ботантанаи қабули корвони «тиллои сафед» имсол дар ҶДММ «Фаронак» ташкил гардид. Ба ин муносибат дар корхона тӯйи суннатии 23 нафар кӯдакон аз оилаҳои камбизоат баргузор шуд. Ҷамъомадро раиси ноҳия Ҳ.Боҳиров ҳусни оғоз бахшид ва муовини раиси вилояти Суғд А.Қобилов табрикоти раиси вилояти Суғдро ба самъи ҳозирин расонид. Дар ин чорабинии тантанавӣ Ҳунарпешаи халқии СССР Ҷӯрабек Муродов, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Афзалшо Шодиев, масъули бахши Иттифоқи нависандагон дар вилояти Суғд, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Аҳмадҷони Раҳматзод, Шоири халқии Тоҷикистон Нурмуҳаммад Ниёзӣ ва шоир Озарахш ҳузур доштанд. Онҳо бо суруду таронаҳои дилошӯб ва ашъори муассирашон табъи ҳозиринро болида сохтанд.

Муассиси корхонаи зикргардида Эҳсон Киромов изҳор намуд, ки имсол корхонаи «Фаронак» нархи коркарди пахтаро нисбат ба дигар корхонаҳо арзонтар мекунад. Мақсад қабули саривақтии пахтаи хушсифат ва коркарди хуби он аст.

Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»

Маркази нефрологӣ бо таҷҳизоти нав таъмин мешавад

Маркази нефрологӣ ягона муассисаи тиббии кишвар аст, ки бо бемориҳои гурдаи кӯдакона сарукор дорад. Дар ин ҷо дар як сол ба беш аз 3000 нафар кӯдак хизмати тиббӣ расонда мешавад. Мутаассифона, бештари таҷҳизоти тиббии мавҷуда куҳна буда, дар ҳолати ногувор қарор доранд. Инак, роҳи ҳалли ин мушкилот низ пайдо шуд. 20 сентябри соли 2012 Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Япония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хироюки Имаҳаши - ва сардухтури Маркази нефрологӣ дар назди бемористони клиникии кӯдаконаи №2 Мария Шехова рӯҷеъ ба «Лоиҳаи беҳтар намудани таҷҳизоти тиббии Маркази ҷумҳуриявии нефрологии кӯдаконаи Тоҷикистон» ба маблағи 106 ҳазору 548 доллари ИМА созишномаи грантӣ ба имзо расониданд. Ин лоиҳа аз тарафи Ҳукумати Япония дар чаҳорчӯбаи кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ дастгирӣ мешавад.

Амалӣ гаштани лоиҳаи мазкур боиси баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба беморони гурда мегардад. Мавриди тазаккур аст, ки Ҳукумати Япония аз соли 1996 инҷониб барои бахши аъзами аҳолӣ 285 лоиҳаи кӯмаки башариро ба маблағи умумии 21,4 миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст.

Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»

«Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Шуғнон низ филиал кушод

18 сентябри соли равон дар шаҳраки Ваҳдат - маркази ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маросими ифтитоҳи филиали нави ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» баргузор шуд. Дар ҷамъомади тантанавӣ ҳамчунин раисони вилоят ва ноҳия, роҳбарияти бонк, масъулини дастгоҳи марказии бонк, кормандони филиали тозатаъсис ва меҳмонону сокинони ноҳия иштирок намуданд.

Сарвари давлат кушодашавии филиали нави бонкро дар амри фарогирӣ ва беҳтарсозии хизматрасониҳои бонкӣ ба мардуми минтақаҳои кӯҳистони мамлакат ҳамчун як қадами устувор ба пеш арзёбӣ намуда, бо шароити кор ва фаъолияти кормандони он аз наздик ошно гардид. Зимни шиносоӣ бо шароити кории филиали нав Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раиси Шӯрои нозирони ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» Тоҷидин Пиров дастур дод, ки дар рӯзи таҷлили ҷашни Забони давлатӣ ба 1300 оилаи ниёзманди ноҳияи Шуғнон ёрии якдафъаинаи моддӣ расонда, хатнасури фарзандони онҳоро баргузор намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки ин нуҳумин филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» аст, ки давоми соли охир дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ифтитоҳ шудаву амал менамоянд, ки бо навтарин таҷҳизоти компютерӣ ва идорӣ таъмин гардидааанд.

Бо ифтитоҳи филиали нав 32 нафар сокинони ноҳияи Шуғнон соҳиби ҷойи кор ва музди меҳнати хуб гардиданд.

Ҳамчунин зикр кардан бамаврид аст, ки то якуми октябри соли равон дар деҳоти «Сағирдашт»-и ноҳияи Дарвоз, «Баррӯшон»-и ноҳияи Рушон, «Навобод»-и ноҳияи Шуғнон марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ таъсис дода мешаванд.

Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»

● 22 сентябр - Рӯзи Рӯдакӣ буд

ШЕЪРИ РӮДАКӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛИИ МО

Бо вучуди он ки аз адабиёти замони Рӯдакӣ ва ҳамасронаш зиёда аз ҳазору сад сол мегузарад, он ҳар чӣ бештару бештар моро ба сӯйи худ мекашад. Ин қадар ҷозибаву асолат дар ин адабиёт аз кучост? Пеш аз ҳама дар он аст, ки ин адабиёт дар муқовимат бо адабиёти ғаниву бонуфузи арабӣ, бо таваччуҳ ба осори бостонии порсӣ ба миён омад ва табиист, ки бори асолати он сангинтар аз сохтори ориятии он аст. Манзурам он аст, ки нахустин шуарои порсигӯ, агарчи вазни арӯзу кофияро аз адабиёти араб гирифта бошанд ҳам, ба арӯз вазни рубоиву маснавӣ ва ба кофия радифро афзуданд. Дар мазмуну муҳтаво ва тахайюли шоирӣ, ки аз унсурҳои дигари каломи манзум аст, асолати шеъри шоирони ҳамаҳди Рӯдакӣ бартар аз шеъри шоирони баъдӣ буда, аксари мавзуъҳои шеъри тоҷикӣ дар ҳамон замони босаодат вориди адабиёт гардиданд. Шоирони ҳамаҳди Рӯдакӣ, ҳатто шоирони пеш аз онҳо, аз ифтихори милливу ватандӯстӣ ҳарф задааанд. Ҳамин хусусияти адабиёти он давраро ба назар гирифта, онро баъзе аз муҳаққиқон адабиёти давраи эҳё, эҳёи Аҷам ё эҳёи тоҷикон ҳондааанд. Яке аз хусусиёти адабиёти ин давраро муаррихи варзидаи адабиёти форсӣ Забеҳуллоҳи Сафо дар фузунӣ ва теъдоди шоирон дар ин давра донистааст. Воқеан, шумораи шоирони ин аҳд ва он боз ҳам аз маҳдудае чун Бухорову Балху Марву Нишопур касро мутаҳаййир месозад ва гувоҳи ривоҷи адабиёт дар замони пурбаракати Сомониён (874- 999) будааст. Танҳо Абумансури Саолабӣ (961- 1038м) беш аз 119 нафар шоирони аҳди Сомониёнро аз Мовароуннаҳру Хуросон дар «Ятимат-уд-даҳр» зикр кардааст. Рушду нумуи адабиёти ин айём мадюни сиёсати фарҳангии ин хонадони шариф буда, ҳамчунин аз хислатҳои саховатмандии гузаштагони мост, ки ҳамеша аҳли ҳунару адабро дар вақти дастрасӣ бар қудрат, пуштибонӣ ва ҳимоятҳои моддиву маънавӣ кардааанд. Шоири қарни XI Ғазоирии Розӣ аз Даҳиқӣ ёд мекунад, ки ӯ дар шеъраш аз рӯзгори Оли Бармак дар хилофати Аббосиён чунин ёдовар мешавад:

Ба шеър ёд кунад рӯзгори Бармакиён,
Даҳиқӣ он гаҳ, к- ошуфта шуд бар ӯ аҳвол.
Сиҳоқ ибни Иброҳимро чи баҳра расид,
Зи Фазли Бармаку он шеъри ҳофия бар дол.

Исҳоқ ибни Иброҳими Мавсилӣ (767- 849) барои қасидаи ҳуд дар радифи ҳарфи «дол» аз Фазли Бармак инъоми фаровоне дарёфт карда будааст. Зимнан бояд зикр намоем, ки Оли Бармак зодагони Балхи бомӣ, ки дар охири хилофати Умавиҳо ва ибтидои кори Аббосиён ба мансабҳои идорӣ мерасанд ва дар ҷуду сахо, дастгирии аҳли фазлу ҳунар, хоса эрониён шуҳрат доштанд ва дар ба аморат расидани Сомониён онҳо замина гузоштааанд. Ду нафар аз ин хонадон – Ҷаъфар ва Фазл ба мақоми вазорат бардошта мешаванд, ки дар осори адабӣ ба саховату ҷавонмардии онҳо тамсилу талмеҳ мезананд:

Ҷаъфари Содиқ ба қавл,
Ҷаъфари Бармак ба ҷуд,
Бо ҳунари ҳошимӣ, бо карами Бармакӣ

-хитоб мекунад мамдуҳи хешро Ҳоқонӣ.

Замони Сомониён ҳам бо саховату адабпарварӣ машҳур ва ҳатто як навъ намунаи зимомдорӣ ва давлатдорӣ барои сулолаҳои дигар будааст. Аз шоирони донишманди асрҳои X- XI Кисоии Марвазӣ даврони пурмайманати Сомониёнро бо ҳукумати замонаш муқоиса карда гуфтааст:

Ба вақти давлати Сомониёну Балъамиён,
Чунин набуд ҷаҳон, бо ниҳоду сомон буд.

Хеле ишораи бомаврид ва бо назокати шоири ҳаким моро аз он огоҳ месозад, ки бунёди ҳукумати Сомониён вобаста ба вазирони донишманду адибу олими онҳо будааст.

Ҳамчунин босароҳат метавон гуфт, ки сабаби нумуву шуҳрати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, пеш аз ҳама, истеъдоди худодод ва табъи равону дониши фаровони сухансарои панҷрудӣ бошад, баъдан вучуди шахсиятҳои таъриҳие чун Исмоили Сомонӣ (892- 907), Наср ибни Аҳмади Сомонӣ (914- 943) ва Абулфазли Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамии вазири соҳибтаълифи ин хонадон (мақтул ба таъриҳи 14 ноябри соли 940) мебошанд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо корномаву осори хеш дар оғози наҳзати миллӣ- худшиносии мо қарор дошта, ҳанӯз дар замони худ аз муборизаҳои гузаштагонаш барои истиқлолияти кишвар бо ифтихор сухан мегӯяд. Ҷое, ки ҳукмрони Сиистон Абӯҷаъфарро дар қасидаи «Модари май» васф мекунад, ӯро ба Амр ибни Лайси Саффорӣ ташбеҳ мекунад:

Амр ибн-ул- Лайс зинда гашт бад- ӯ боз,
Бо ҳашами хешу он замонаи эшон.

Истиқлолияти адабиву фарҳангии мо аз арабҳо аз суханони маъруфи Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ, «ки он чи ман андар наёбам чаро бояд гуфт» ибтидо ёфта бошад, сиёсати фарҳангии Сомониён ва пайкори адабиву ҳунарии Рӯдакӣ ва ҳамасронаш давоми мантиқии ҳамон талошҳо ва муборизаҳои гузаштагони онҳо буд. Ҳамин буд, ки муқобилгузории шаҳрҳои қаламрави сомониҳо бар Бағдоду Кӯфа мавзӯи ашъори Рӯдакӣ ва Абулҳусайн Муҳаммад ибни Исои Карачӣ, аввалӣ ба забони тоҷикӣ ва дувумӣ ба арабӣ,



гардидааст. Шоиру амирзодаи Сомониҳо Абулҳасан Алӣ ибни Илёси Оғочии Бухороӣ бошад «Арабивор бигирям ба забони аҷамӣ» мегӯяд.

Халқи тоҷик дар нахустин солҳои бинои истиқлолияти ҳуд дар ибтидои қарни гузашта барои ташкили Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз фарзанди баруманди хеш суроғ мекунад ва соли 1925 Рӯзи Рӯдакиро таъсис медиҳад. Номи Рӯдакӣ дар он солҳои мубориза барои ташкили Ҷумҳурии ҳудмухтори Тоҷикистон барои халқи тоҷик рамзи қадимии адабиёту фарҳанг ва давлати он гардида буд. Соли 1958 бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистони Шӯравӣ 1100- солагии шоир ҷашн гирифта мешавад, ки ба ҳамин муносибат китобҳои «Осори Рӯдакӣ» ва «Осори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз чоп баромаданд. Тадқиқотҳои зиёде, аз ҷумла монографияи «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»- и Абдулғанӣ Мирзоев ба нашр расиданд.

Ҳидматҳои устод Садриддин Айнӣ дар ҷустуҷӯ ва муайян кардани осору аҳвол ва бахусус зодгоҳи Рӯдакӣ хеле бузург аст, ки дар ин бора зиёд гуфта ва навиштаанд. Ин аст, ки нахустин муҳаққиқи рӯзгору осори шоир Саид Нафисӣ навишта буд: «Кореро, ки Амир Исмоили Сомонӣ бо шамшери буррандаи хеш оғоз карда буд, Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад бо ҳомаи хеш ба поён расонид. Ин Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад роҳбаре тавоно буд, ки роҳро бар Даҳиқӣ ва Кисоӣ ва Фирдавсӣ кушуд ва муҳандиси ҳунарманде буд, ки ҳонаи ҷовидони Унсурӣ ва Фаррухӣ ва Асҷадӣ ва Мунҷик ва Носири Хусравро пояе устувор ниҳод».

Ҳамин саргузашти Рӯдакиро бо корномаи Саид Нафисӣ дар эҳёи осору аҳволи шоир дар қасидае тӯлонӣ устоди фаҳиди шеъри форсӣ Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр ба риштаи назм кашидааст, ки ин байтҳои пур аз муҳаббату ихлосу самимият аз он ҷост:

Вақт хуш буд Оли Сомонро,
Ҷой дар хиттаи Хуросон буд.
Рӯдакӣ низ чун дурри шоҳвор,
Зеби дарбори Оли Сомон буд.
Ҳамчу теги Амир Исмоил,
Ҳомаи Рӯдакӣ ба ҷавлон буд.
Рӯдакӣ кори Пури Дастон кард,
К- ин ҳунар кори Пури Дастон буд.
Дар низои баҳои миллият,
Аввалин қаҳрамони майдон буд.
Миллати мо раҳини миннати ӯст,
Миннат ӯро сазад, ки маннон буд.
Рӯдакӣ бо ду чашми нобино,
Раҳнамои маолбинон буд.
Аввалин бор раҳе паймуд,
К- иш на пайдо карону поён буд.
Дигарон пайравони Рӯдакианд,
***Натавонанд Рӯ

Забони давлатӣ ва танзими истилоҳот

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи Рӯзи забони давлатӣ 18 сентябри соли 2012 дар маҷлисгоҳи Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат» Конференсияи ҷумҳуриявиро таҳти унвони «Забони давлатӣ ва танзими истилоҳот» баргузор намуд, ки дар он 96 нафар муҳаққиқону донишмандон, аз ҷумлаи кормандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор Додихудо Саймиддинов ҳусни оғоз бахшид. Сипас мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Мансур Сайфиддинов иштирокдорони конференсия ва тамоми мардуми кишварро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ табрик намуд.

Дар конференсия 10 маърӯзаи илмӣ, ки аз ҷониби донишмандони забоншинос пешниҳод гардид, шунида шуд. Дар робита ба мавзӯҳои «Қолабҳои вожасозӣ дар номгузории бонкҳо»- муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бибиосия Ғуломова, «Баъзе масъалаҳои истифодаи истилоҳот дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»- номзади илмҳои ҳуқуқ Анвар Сафаров, «Вижагиҳои забон ва истилоҳоти бахши ҳуқуқ» -устоди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, сиёсат ва бизнеси Тоҷикистон, профессор Туғрал Шокиров, «Як сарчашмаи такомули истилоҳу муштаҳоти забони тоҷикӣ» -устоди Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи Б.Ғафуров профессор Абдуҷамол Ҳасанов, «Баъзе масоили танзими истилоҳот дар солҳои 20-40 садаи XX»- устоди Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи Б. Ғафуров, профессор Толиб Ваҳҳобов, «Вазъи кунунии истилоҳоти забони давлатӣ»- доктори илми филология Мирзоҳасан Султонов, «Вазъи имрӯзаи истилоҳоти тиббӣ»- устоди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, номзади илми филология Абдулло Юсупов, «Доираи корбурди истилоҳоти соҳаи молиёт»- устоди Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, номзади илми филология Раъно Рачабова, «Як нуқсони грамматикии забони матбуот»- устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Баҳриддин Камолиддинов, «Истилоҳоти гозургарӣ дар достони «Толиб ва Матлуб» -и Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ» - устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология Сафаргул Ҳалимова ва дигар олимони забоншинос суханронӣ карда, фикру андешаҳои ҷолиб баён намуданд.

Дар маҷмуъ, конференсия дар сатҳи баланди илмӣ ва ташкилӣ гузашт.

Т.ФАРРУХПАЙ,
«Садои мардум»

ЭЪЛОН

Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои қабули муҳандиси сохтмончӣ, сармуҳосиб, муҳосибони соҳаи сохтмон, муҳосиби молу мавод ва мутахассис оид ба тарифҳо (тарифҳои роҳи оҳан), ки синну солашон аз 45 боло набошад, маълумоту таҷрибаи кофии корӣ дошта бошанд ва бо компютер кор карда тавонанд,

ОЗМУН эълон менамояд

Моҳонаи хуби доимӣ (2000-3000 сомонӣ), мукофоту ҷубронпулии мунтазам, хидмати бепули тиббӣ, манзили зисти идоравӣ ва дигар имтиёзоти соҳавӣ кафолат дода мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Назаршоев 35, бинои раёсати КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон», хадамоти кадрӣ, телефони **221-56-37** муроҷиат кунанд.

SPECIFIC PROCUREMENT NOTICE

THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project
Procurement of special vehicles for Farkhor, Vose and SUE KMK

Loan No. Grant No. H769-TJ
Contract/Bid No. **AF MIDP 013**

The Republic of Tajikistan has received financing from the World Bank toward the cost of the Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project, and it intends to apply part of the proceeds toward payments under the contract for Procurement of special vehicles for Farkhor, Vose and SUE KMK. The Project Management Unit (PMU) now invites sealed bids from eligible bidders for AF MIDP 013 Procurement of special vehicles for Farkhor, Vose and SUE KMK. The delivery period shall not exceed 4 months.

Bidding will be conducted through the international competitive bidding procedures as specified in the World Bank's *Guidelines: Procurement of Goods, Works, and Non-Consulting Services under IBRD Loans and IDA Credits & Grants by World Bank Borrowers, January 2011*, and is open to all eligible bidders as defined in the guidelines.

Interested eligible bidders may obtain further information from and inspect the bidding documents from the PMU at the address below during office hours from 09:00 a.m. to 16:00 p.m. from Monday to Friday. A complete set of bidding documents in English may be purchased by interested bidders on the submission of a written application to the address below and upon payment of a nonrefundable fee of USD 100.00. The method of payment will be in cash or transfer to the following account:

Orienbank OJSC, Dushanbe, Tajikistan,
95/1 Rudaki Ave.
Acc. # 36112549 UNIV - ID 364244
Acc. # 20206840216903000423
Swift OTJK TJ 22
Intermediary CITI BANK NEW YORK, NA
NEW YORK, USA
SWIFT CITI-US-33

PMU
4th floor,
Mr. J. Tabarov, PMU Director
56 Karabaev Str, Dushanbe,
Republic of Tajikistan
Tel: (992372) 33 57 63/ 33 13 30/ 33 14 98;
Fax: (992372) 33 13 30;
E-mail: office@midp.tj

The document will be sent by airmail for overseas delivery and surface mail or courier for local delivery, or by email (in PDF).

All bids must be accompanied by a bid security 30 000 USD, and be delivered to the address below by November 07, 2012, 02:00 p.m. They will be opened immediately thereafter, in the presence of bidders' representatives, who choose to attend, at the address below. Late bids will be rejected.

Attention: State Committee on Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan,
Address: 27 Shotemur Street
Floor-Room Number: 2nd floor, room 22
City: Dushanbe
ZIP Code: 734025
Country: Republic of Tajikistan.

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	Ташкилоти Харидор	Ному насаб ва телефони шахси масъул	Предмети харид	Воҳиди ченак	Миқдор	Сана ва вақти кушодани лифофаҳо
2713/1-1244	Муассисаи давлатии «Шабакаҳои барқӣ ва зеристгоҳҳо»-и Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	22	15.10.2012 соати 9^{00}
2714/1-1245	Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони Чорбоғи ноҳияи Варзоб»	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Маводи хӯрока	номгӯй	9	15.10.2012 соати 9^{30}
2715/1-1246	Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	10	15.10.2012 соати 10^{00}
2716/1-1247	Дастгоҳи марказии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Таҷҳизоти техникӣ	маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад		15.10.2012 соати 10^{30}
2717/1-1248	Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Проэктор бо экран	адад	13	15.10.2012 соати 1100
2718/1-1249	Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	14	15.10.2012 соати 11^{30}
2719/1-1250	Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	8	15.10.2012 соати 13^{00}
2476/1-1133	Комплекси давлатии маҷмааи «Кохи Ваҳдат»	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Байрақ	маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад		05.10.2012 соати 9^{00}
2707/2-772	Беморхонаи марказии ноҳияи Рӯдакӣ	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Маводи хӯрока	номгӯй	9	15.10.2012 соати 9^{00}
2720/2-775	Хона-интернати пиронсолони шаҳри Ваҳдат	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Молҳои гуногун	номгӯй	5	15.10.2012 соати 9^{30}
2721/2-776	Маркази тибби шаҳрии шаҳри Душанбе	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Маводи доруворӣ	номгӯй	56	15.10.2012 соати 10^{00}
2722/2-777	Беморхонаи марказии ноҳияи Ҳисор	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Маводи хӯрока	номгӯй	5	15.10.2012 соати 10^{30}
2723/3-644	Маркази миллии тиббии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Х.Исмоилов 227-04-75	Корҳои таъмирӣ	тибқи санади нуқсонӣ		05.10.2012 соати 9^{00}
2724/3-645	Боғи марказии ботаникии Тоҷикистон	Х.Исмоилов 227-04-75	Таъмири бинои меҳмонхонаи боғи марказӣ	тибқи санади нуқсонӣ		05.10.2012 соати 9^{30}

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки дар Даъватномаи иштирок дар озмуни хариди таҳти №2620/1-1195, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №113 (2940) 12 сентябри соли 2012 нашр гардидааст, санаи баргузории озмун 26 сентябри соли 2012 ҳонда шавад.

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

т/р	Ташкилоти Харидор	Предмети харид	Воҳиди ченак	Сана ва вақти кушодани лифофаҳо
1	Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Ваҳдат	Сохтмони ҳоҷатхона	тибқи санади нуқсонӣ	17.09.2012 соати 10^{00}

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «Шукри Сомон», дорои РМА 030019239, воқеъ дар кӯчаи Деҳотӣ 1/2-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе , фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Бурии Фаридун, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0101162 бо РЯМ 4030018979 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон 22 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Назруллоев Рачабалӣ Авғонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №081086 бо РМА 225015770 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 10 сентябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Гематолог», дорои РМА 010020256, воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзода, гузаргоҳи 1, хонаи 16-и ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе, барҳам мехӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ҶДММ «Фаридун-ЛТД», бо РЯМ 4010000207, № 0015497, воқеъ дар деҳоти Г. Юсуповаи деҳаи Навкорами ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Ибрагимов Абдуваҳоб, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0162908 бо РЯМ 1230062112 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 21 июли соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Патенти №0231123-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 14 майи соли 2012 ба Насимов Баҳодур Абдуғаффорович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии №2/20-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон соли 2011 ба Неъматов Шавкатҷон Умарҷонович додааст, эътибор надорад.

➢Маълумотномаи нусхаи дипломи №21-и гумшуда, ки онро Техникуми политехникии шаҳри Душанбе ба номи Ю.А. Гагарин соли 1993 ба Норбутаков Аловуддин Фатхуддинович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии №0101777-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷалолуддини Румии вилояти Хатлон 22 июни соли 2010 ба ҶСП ТКХ «Кишоварзон», бо РЯМ 3310004893 додааст, эътибор надорад.

➢Патенти гумшудаи №0049993 бо РЯМ 0930015754, РМА 095023901, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 10 марти соли 2010 ба Ҳафизов Сайфулло додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии №271/06-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон соли 2006 ба Маинаев Ромиш додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии № 67/08-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон соли 2008 ба Собити Абдулвоҳид додааст, эътибор надорад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯшони ВМКБ ба муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Руқия Атоевна бинобар вафоти

МОДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба аҳли хонавода ва хешовандон сабри ҷамил хоҳонанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯшони ВМКБ ба Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо Азизов Абдуҷаббор Абдуқаҳҳорович бинобар даргузашти

МОДАРАШ

ҳамдардӣ баён намуда, ба аҳли хонавода ва хешовандонаш изҳори тасаллият менамоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯшони ВМКБ ба муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Фароғат Азизӣ бинобар вафоти

МОДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

18 октябри соли 2012 музоядаи №7-ро оид ба фурӯши амволи ҳабсгардида, ки аз тарафи Суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе ҳабс гардидааст, баргузор менамояд

т/р	Номгӯйи иншоот	Суроға	Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ)
1	Хонаи истиқоматӣ (як ҳуҷрагӣ)	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	81 600
2	Термекс	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	380
3	Радиатор	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	360
4	Мебел (тройка)	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	350
5	Мизи рӯзномавӣ	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	150
6	Маҷмӯи ашёи хонаи хоб, кат, шифонер ва трюмо	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	700
7	Люстра (се чароғ)	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	70
8	Карниз	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	50
9	Парда	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	100
10	Оташдони баркӣ (3 комфорка), корношоям	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	70
11	Яхдони дукамерагӣ	ш. Душанбе, кӯч. Пушкин 2, х.22	600

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати 10^{00}** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои иншоот ба 350 нишондиҳанда ва барои воситаҳои ҷудогона ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз бочи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

18 октября 2012 года проводит аукцион №7 по продаже арестованных имуществ Судом района И.Сомони города Душанбе

п/н	Наименование объекта	Адрес	Стартовая стоимость (в сомони)
1	Однокомнатная квартира	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	81 600
2	Термекс	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	380
3	Радиатор	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	360
4	Мебель (тройка)	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	350
5	Журнальный столик	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	150
6	Спальный гарнитур	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	700
7	Люстра	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	70
8	Карниз	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	50
9	Шторы	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	100
10	Электроплита (3-х комфортная) не рабочая	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	70
11	Двухкамерный холодильник	г. Душанбе, ул. Пушкина 2, кв.22	600

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **10^{00} часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14.**

Гарантийный взнос равен для недвижимости 350 показателям для расчетов за один лот и для единичного имущества 15 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж госимущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87,** на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

Конституциаи-кафолати рушди озоди ҷамъиятӣ ва давлатӣ дорад
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Ҳуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 24 сентябри соли 2012, соати 16.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23842 нусха

Навбатдори шумора Неккадамов Т.

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова